# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи “Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқи ҷанбаҳои ҳаматарафи забонии паремияҳои забонҳои тоҷикию куриёӣ ва муайян намудани онҳо дар тасвири забонии ҷаҳони мардуми тоҷику куриё ба ҳалли як қатор мушкилоти мавҷуда дар самтҳои забоншиносии муқоисавӣ мусоидат менамояд.

Забоншиносии муқоисавӣ ба ошкор намудани як қатор таассубҳо ва тақаллубҳои мухобиротӣ-муоширатӣ нигаронида шудааст ва шарҳи муқоисави ин тафовутҳо ба ҳеҷ ваҷҳ шаъну шарафи фарҳангеро, ки фарҳангҳои дигар бо он ба таври возеҳ ё ғайримустақим муқоиса мешаванд, муназзам баён мекунад. Ин робитаҳои муназзаму возеҳ байни аломатҳо рамзи фарҳангро инъикос менамоянд, ки дар аломатҳои фарҳанги мувофиқ, аз ҷумла, дар забон муқовимат карда, устувории муайянро доро мебошад ва дар асоси таҳлили маънои калимаҳо ва баёни онҳо метавонанд объективӣ муқаррар шуда, баҳо дода шаванд. Ҳамин аст, ки ин анвои воҳидҳои забониро воҳидҳои устувори забон меноманд.

Дар диссертатсияи Чой Миҳи таҳти унвони “Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ”, ки аз фишурда бармеояд, яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии муқоисавӣ дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ баррасӣ гардидааст ва аҳаммияти илмию ва амалӣ дорад.

Чи тавре, ки аз натиҷаи баррасии автореферати диссертатсия мушоҳида мешавад, диссертант дар ин ҷода кӯшишҳои зиёде намудааст, то вижагиҳои муқоисавӣ ва хоси паремияҳои ду забони гуногунсохторрро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаро ошкор созад.

Натиҷаи таҳқиқи ӯ дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ ба оилаҳои гуногуни забонӣ тааллуқ дошта бошанд ҳам, равобити дуҷониба, шароити таърихии доимӣ ва таъсири мутақобила дар забон ва фарҳанг, бахусус, дар эҷодиёти шифоҳии халқ бунёди муносибатҳои мардуми тоҷику куриёиҳо нақши муҳим доранд.

Аз ин рӯ, нокифоя омӯхта шудани вижагиҳои забонию фарҳангии паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ, яъне ҷанбаи муқоисавии онҳо барои аҳаммияти муҳим доштани мавзуъ асос гардидааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Паремияҳо яке аз паҳлуҳои илми забоншиносӣ мебошанд, ки маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳа қарор дошта, як қатор ҷанбаҳои он дар доираи забонҳои мушаххас мавриди

омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бояд гуфт, ки баррасии тасвири забонии паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ ва муайян намудани усулҳои интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар то ҳол мавриди омӯзиши пурра қарор нагирифтааст.

Муҳаққиқ андеша дорад, ки «сарфи назар аз мавҷудияти як қатор таҳқиқоти арзандае, ки ба таҳлилу баррасии паремияҳои забони куриёӣ бо дигар забонҳо ба анҷом расидаанд, то ба имрӯз пажӯҳиши махсусе дар муайян кардани хусусиятҳои умумӣ ва хоси паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ ба анҷом нарасидааст ва омӯзиши муқоисавии паремияҳои забони тоҷикӣ ва куриёӣ ба роҳ монда нашудааст» (с. 6). Аз ин рӯ, баъзе паҳлуҳои паремияҳо дар доираи ду забон аз лиҳози муқоиса то ҳол норавшан мондаанд ва диссертатсияи мазкур барои бознамоии мушкилоти ошкоршуда кумаки илмию амалӣ мерасонад.

**Мақсади таҳқиқ** баррасӣ ва таҳлили тасвири забонии паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ мебошад. Ҳамчунин, ҳадафи муаллиф дар муайян намудани сохтор, маъно, роҳҳои ифода ва вижагиҳои вазифавии паремияҳо дар забонҳои мавриди назар инъикос меёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия бори нахуст тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ ба таври муқоиса таҳлил гардида, вижагиҳои хоси тарҷумаи онҳо аз ҷониби муаллиф муайян шудаанд. Дар такя ба маводди назариявии илмию амалӣ луғатномаҳою фарҳангномаҳо таҳқиқ шуда, маънои маҷозии паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ, хусусиятҳои фарҳангӣ, таркиби вожагонӣ, мансубияти услубӣ, сохтории онҳо мавриди баррасӣ қарор гиритаанд. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муҳаққиқ дар шакли таҳлили типологӣ-муқоисавӣ пешниҳод гардида, дар доираи таҳқиқи назариявию амалии паремияҳои ду забон: тоҷикӣ ва куриёӣ сурат ёфтааст, ки дар ташаккули забоншиносии назариявӣ ва амалӣ саҳми арзандае мегузоранд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ мантиқан дуруст пешниҳод гардида, рӯйхати адабиёт тибқи талабот таҳия гардидааст.

Муқаддимаи автореферат тибқи меъёр таҳия шуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст, мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос карда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст:

Дар беъзе саҳифаҳои автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд.

Камбудиҳои мазкур, ки дар автореферат ҷой доранд бе ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии онро паст намекунанд ва барои ислоҳи минбаъда тасвия дода мешаванд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи "Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ" ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
и.в. дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М. С. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна

**Нишонӣ:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кучаи 1 гуз. Қаротегин 11, ҳуҷраи 20
Тел.: (+992) 881881470
E-mail: madiba82@mail.ru

Имзои М.М. Бобоеваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М. С. Осимӣ Қодирзода Неъматулло Ҳабиб

**Нишонии муассиса:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
Тел: +992(372)21-35-11
E-mail: info@ttu.tj, ttu@ttu.tj

25.05.2026